# Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодӣ

Ваколатҳои Сарраёсат

Сарраёсат дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд.

- мониторинги равандҳои асосӣ ва тағйирёбии рушди иқтисодиёти ҷаҳон, минтақа аз ҷумла иқтисодиёти давлатҳои ИДМ, инчунин баҳодиҳии ҷараёнҳои иқтисодиёти ҷумҳуриро амалӣ менамояд ва дар асоси он ба роҳбарияти Вазорат ахбороти таҳлилӣ ва таклифот манзур менамояд;
- таҳлили нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ҷумҳуриро дар таносуб бо ҳамин нишондиҳандаҳои давлатҳои ИДМ мегузаронад ва доир ба он маълумоти таҳлилӣ ба Роҳбарияти Вазорат манзур менамояд;
- мониторинги нархи молҳои ҷаҳонӣ ва бозори ашё, тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ ба маҳсулоти асосии стратегии кишвар, таъсири он ба гардиши савдои хориҷӣ ва омилҳои асосии ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсиррасонро мегузаронад;
- мониторинг ва таҳлили соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиётро дар сатҳи макроиқтисодӣ амалӣ менамояд ва оид ба рушди онҳо пешниҳодҳо омода менамояд;
- доир ба вазъи инкишофи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, омӯзиши таҷрибаи ислоҳоти иқтисодии кишварҳои мутараққӣ маводи таҳлилӣ омода намуда, доир ба татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарият таклифот манзур менамояд;
- таҳлили нишондиҳандаҳои системаи ҳисоби миллиро дар таносуб бо системаи ҳисоби байналмилалӣ амалӣ менамояд ва барои мутобиқ гардонидани онҳо таклифот манзур менамояд;
- таҷрибаи байналмилалиро оид ба масъалаҳои моделкунонии рушди макроиқтисодӣ бо назардошти ҳолатҳои гуногуни шарту шароитҳои тағйирёбандаи рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ меомӯзад ва дар амал татбиқ менамояд;
- таҳлил ва баҳодиҳии вазъи кишварро дар сатҳи макроиқтисодӣ амалӣ менамояд ва дар заминаи он барои муайян намудани самту усулҳои танзими давлатии иқтисодиёт таклифот манзур менамояд;
- оид ба ҷорӣ намудани механизми татбиқи афзалиятҳои рушди иқтисодиёти миллӣ пешниҳод манзур менамояд;
- таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро аз рӯи соҳаҳои воқеии иқтисодиёт гузаронида, доир ба таҳияи механизмҳои рушди мӯътадили иқтисодиёт, танзими бозори дохилӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёт пешниҳод омода менамояд;
- таҳлили маҷмӯии макроиқтисодии ҷумҳуриро ҳамчун асос барои таҳияи дурнамоҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ анҷом дода, дар заминаи он нақшаи чорабиниҳоро барои муайян намудани афзалият ва суръати афзоиши

рушди мӯътадили иқтисодиёт, истифодаи оқилонаи захираҳо ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии кишвар, таҳия менамояд;

- баҳодиҳии ҷараёни рушди иқтисодиёти ҷумҳуриро бо назардошти тағйирёбии вазъи иқтисодиёти ҷаҳон, аз ҷумла иқтисодиёти давлатҳои минтақа анҷом медиҳад;

- сиёсати давлатӣ ва танзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар бахши таҳияи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, ва барномаҳои инкишофи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, тартиби таҳия ва татбиқи онро таъмин менамояд;

- лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ҷиҳати таҳияи дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар барои давраҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат омода менамояд;

- номгӯи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро муайян намуда, дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат таҳия менамояд;

- дастурҳои методӣ, номгӯи нишондиҳандаҳо ва намунаҳоро барои омода намудани дурнамоҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар таҳия менамояд;

- ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ва таъмини саҳеҳияти маълумоти таҳлилию оморӣ ва молиявӣ оид ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ таклифот омода менамояд;

- дар таҳияи лоиҳаи стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ иштирок менамояд;

- дар ҷараёни ташаккули сиёсати буҷетию андозӣ, пулию қарзӣ ва сармоягузорӣ, инчунин муносибатҳои байналмилалии иқтисодию молиявӣ иштирок менамояд;

- дар ҷараёни такмили усулҳои банақшагирии молиявӣ, системаи ҷамъоварӣ, коркард ва истифодаи маълумоти оморӣ иштирок менамояд;

- доир ба ворид намудани тағйирот ба меъёр ва тартиби ситонидани андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва аксизҳо хулоса ва таклифот пешниҳод менамояд;

- таҳлили иҷроиши буҷетро бо мақсади таъмини устувории молиявии иқтисодиёти ҷумҳурӣ, анҷом медиҳад;

- доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои сиёсати пулию қарзӣ, буҷетӣ, андозӣ ва гумрукиро ба танзим медароранд, таклифу хулосаҳо пешниҳод менамояд;

- дар доираи ваколатҳои Вазорат дар таҳияи сиёсати сармоягузорӣ, пулию қарзӣ ва асъорӣ иштирок менамояд;

- дар таҳия ва татбиқи афзалиятнокии маблағгузории буҷетӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, инчунин дар таҳияи параметрҳои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ дар давраи миёнамӯҳлат иштирок менамояд;

- дар муайян намудани афзалиятҳо вобаста ба ташаккул, рушд, батанзимдарории муносибатҳо дар бахши бозори коғазҳои қиматнок иштирок менамояд;

- дар таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамояд;

- дар омода намудани хулосаҳо ва пешниҳодҳо ба лоиҳаҳои санадҳои байниҳукуматӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба андозбандӣ ва каноргирӣ аз пардохти андозҳо, аз даромадҳо, сармояҳо ва андозбандии дукарата иштирок мекунад;

- дар таҳияи механизмҳо вобаста ба кам намудани қарзҳои субъектҳои хоҷагидор аз рӯи пардохтҳои андозӣ дар назди буҷет иштирок менамояд;

- дар таҳияи сиёсати буҷетӣ, ташаккули меъёрҳои буҷетӣ барои таъмини иҷрои барномаҳои ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ иштирок менамояд;

- дар таҳияи асосноксозии иқтисодии сиёсати буҷетӣ, бахшҳои алоҳидаи лоиҳаи буҷети давлатӣ иштирок менамояд;

- дар таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили системаи батанзимдарории бозори суғуртавӣ иштирок менамояд;

- дар ҳаллу фасли масъалаҳои вобаста ба расонидани кӯмакҳои техникӣ, молиявӣ ва дигар кӯмакҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамояд;

- дар таҳияи  барномаю стратегияҳо ва омода намудани тавсия ва хулосаҳо оид ба рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ иштирок менамояд;

- дар раванди таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба  тақвияти раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, ки барои диверсификатсияи соҳаҳои иқтисодиёт нигаронида шудааст, иштирок менамояд;

- дар ҷараёни татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар самти рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ иштирок менамояд;

- маълумоти таҳлилӣ ва гузоришҳоро доир ба ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ омода менамояд;

- барои ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ ва рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ таклифот манзур менамояд;

- дар раванди дастгирии давлатии бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷии субъектҳои он, аз ҷумла рушди робитаҳои тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва истеҳсолии онҳо бо шарикони хориҷӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ мусоидат менамоянд, иштирок менамояд;

-  бо мақсади татбиқи ҳадафҳои афзалиятноки миллӣ, оид ба рушди бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ таклифот манзур менамояд;

- дар омода намудани пешниҳодҳо оид ба рушди ҷараёни хусусигардонии корхонаҳои миёнаю калон ва ректруктуризатсияи субъектҳои монополияҳои табиии ва корхонаҳои махсусан калон иштирок менамояд;

- дар таҳлили раванди иҷрои барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ иштирок намуда, оид ба такмили онҳо таклифҳо пешниҳод менамояд;

- дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои кӯмакҳои грантию техникӣ оид ба ҷараёни хусусигардонӣ ва рушди соҳибкорӣ ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ иштирок менамояд;

-  лоиҳаи қарори Ҳайати мушовараи Вазорат ва маводҳои зарурииро вобаста баргузории он омода ва ба роҳбарияти Вазорат пешниҳод менамояд;

- дар асосии тамоюлоти рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ маълумоти моҳонаи аналитикиро барои роҳбарияти Вазорат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ омода менамояд;

- ҳар семоҳа оид ба вазъи воқеии соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар якҷоягии воҳидҳои сохтории Вазорат маводи таҳлилию ҷамъбастиро омода менамояд;

- ҳисоботи семоҳа ва солона оид ба фаъолияти Вазорат ва сохторҳои зертобеъро омода менамояд.